# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктории Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи «Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик)**

Диссертатсияи доктории Шарипов Шариф Раҳмонович ба яке аз мавзуоти бисёр мубрам – муайян намудани мақоми яке аз шоирони сабки ҳиндӣ, соҳиби мактаби адабии хос, нодирагуфтор Зуҳурии Туршезӣ дар такомули муҳтаво, мавзуъ ва сохтори ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд бахшида шудааст, ки баррасии масъалаи мазкур нафъи зиёд барои илми адабиётшиносии мо дорад. Албатта, ашъори Зуҳурии Туршезӣ ба алоқамандони адабиёти тоҷик то ба имрӯз ба таври шоиста ошно нест. Ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ чун ғазалҳои Бедили Деҳлавӣ душворбаён буда, дар онҳо бофти маъноии байт хеле мураккаб аст. Аз ин рӯ, печидагӯйӣ ва муғлақбаёнии шоир боис шудааст, ки ғазалиёти ӯ бо ин ҳама шеърият, ҷаззобият ва пурмуҳтавоӣ ба таври бояду шояд дар байни муҳаққиқон, дӯстдорон ва алоқамандони адабиёти тоҷик маъруфият пайдо накардааст.

Бо дарназардошти ин паҳлуи масъала кори диссертатсионии Шарипов Ш.Р. барои муаррифии ғазалиёти шоир дар Тоҷикистон аз корҳои хуби илмӣ ба шумор рафта, муҳаққиқи мазкур тавонистааст, ки хусусиятҳои мавзуӣ, муҳтавоӣ, сохторӣ, вазну қофия ва сабки ғазалиёти Зуҳурии Туршезиро бо далелҳо ва равишҳои анъанавӣ ва муосири илмӣ пажуҳиш кунад ва чанд паҳлуи ноаёни ҳунари шоирии ӯро дар эҷоди ғазал равшан намояд.

Албатта, таҳқиқи ҷанбаҳои поэтикии адибони форсу тоҷик дар илми адабиётшиносии мо собиқаи зиёд дорад. Аммо бо диди тоза пажуҳиш намудани масоили жанрӣ, бахусус, жанри ғиноӣ дар солҳои охир дар адабиётшиносии тоҷик як ҷараёни бисёр фараҳбахш аст. Воқеан, чанд кори илмии таҳқиқӣ дар тули панҷ-даҳ соли охир аз рӯйи равишҳои муосири таҳқиқи адабиётшиносӣ сурат гирифтаанд, ки диссертатсияи доктории Шарипов Ш.Р. аз ҷумлаи онҳост.

Аз автореферати диссертатсияи муҳаққиқ, ки пурра мазмуну муҳтавои диссертатсияро ифода кардааст, барьало маълум мешавад, ки дар он бисёр масоили алоқаманди ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор ёфта, далоили муътамад ва нукоти илман исботшудаи довталаби дараҷаи илмӣ барои ҳалли онҳо мусоидат намудааст. Иқтибосҳо бамавқеъ, марбути мавзуъ ва аз маъхазҳои боэътимоди илмӣ буда, аз ҷиҳати услуб ва мантиқ дуруст истифода шудаанд. Абёти шоҳид низ ифодакунанда ва тақвиятбахши андешаҳои муҳаққиқ буда, хулосаҳои ҳар як фаслу зерфасл барои боз ҳам амиқ ва саҳеҳтар кардани натиҷаҳои масоили баррасишаванда кумак кардаанд. Аслан, хулосаҳои муҳаққиқ сохтор, вазну қофия, мазмуну муҳтаво, сабк, истифодаи сувари хаёлу воситаҳои тасвири бадеӣ ва таъсирпазирии шоирро аз ғазалиёти шуарои салаф пурра инъикос намуда, ҷавҳари асосии кори диссертатсиониро инъикос намудаанд.

Аз автореферати диссертатсия маълум аст, ки муҳаққиқ як масъалаи дигари муҳим – мутобиқати мазмун бо мусиқӣ ва вазнро дар ғазалиёти шоир пажуҳиш карда, барои таҳқиқҳои минбаъдаи марбути поэтикаи адибон усули нисбатан тозаеро пешниҳод намудааст, ки яке аз ҷанбаъҳои **мубрамияти таҳқиқ** низ дар ҳамин нукта таҷассум ёфтааст.

Мавзуи "Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)" аз лиҳози иртибот ба илм ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) **мувофиқ** буда, аз ҳар ҷиҳат ба самтҳои афзалиятноки илми адабиётшиносии тоҷик алоқаманд аст. Ҳамчунин, бояд гуфт, ки масъалаҳои ба риштаи таҳқиқ кашидашуда бо барномаҳо ва мавзуъҳои таҳқиқи илмӣ робитаи зич дошта, баррасӣ ва таҳлили мавзуи диссертатсияи мазкур дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо ва Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон сурат гирифтаанд.

**Навгонии илмии диссертатсия** аз бори нахуст ба риштаи пажуҳиш кашида шудани масъалаи мубрами мазкур иборат буда, муаллиф кӯшидааст, ки хусусиятҳои мавзуию муҳтавоӣ ва сабкию сохтории ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ, мақоми шоир дар такомули суннатҳои адабӣ, ҳунари шоирӣ ва таъсири ӯро дар шоирони ғазалсарои баъдӣ ошкор намояд. Дар заминаи равишҳои нави таҳқиқи адабиётшиносӣ баррасӣ шудани мавзуи мавриди назар аз навгониҳои дигари диссертатсия ба шумор меравад.

Мавриди зикр аст, ки иттилои дар диссертатсия дарҷшуда саҳеҳ ва дақиқ буда, равишҳои интихобкардаи таҳқиқ эътирофшуда ва дурустанд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводди таҳқиқ ба талаботи пешбинишуда мутобиқат дошта, натиҷаҳои таҳқиқро метавон дар илми адабиётшиносии тоҷик пурра истифода кард. Интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқ низ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯст. Бо дарназардошти ин нукот метавон **дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқро** баланд арзёбӣ кард. Дар сурати амалишавии тавсияҳои пешниҳодшуда корҳои дигари шоистаи самти зуҳуришиносӣ дар адабиёти тоҷик хоҳанд буд.

Дар диссертатсия барои аввалин бор муҳтаво, мавзуъ, вазну қофия ва сабки ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ баррасӣ шудааст, ки ин нукта бозгӯйи **аҳаммияти назариявии таҳқиқ** аст. Ҳамчунин, заминаҳои воситаҳои тасвири бадеӣ, корбурди санъатҳои бадеӣ ва воҳидҳои забонии нав дар ғазалиёти шоир бори нахуст пажуҳиш ёфтаанд. Илова бар ин, метавон маводди диссертатсияро дар навиштани китобҳои таърихи адабиёти тоҷик, фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ ва курсҳои махсус оид ба каломи бадеъ истифода кард, ки ин матлаб аз **аҳаммияти амали**и хуб доштани таҳқиқ гувоҳ аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Аз автореферати диссертатсия чунин бармеояд, ки кори таҳқиқии мавриди назар аз муқаддима, 5 боб, 22 фасл, 13 зерфасл, хулоса ва рӯйхатти адабиёт иборат буда, муҳаққиқ дар доираи

мавзуи таҳқиқшуда 31 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 21 номгӯй дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида, ҳамаи **маводди интишоршуда** мазмун ва муҳтавои диссертатсияро баён карда, саҳми шахсии муаллифро дар илми адабиётшиносии тоҷик ифода намудаанд.

Дар баробари хамаи ин муваффақиятҳои илмӣ дар автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳо мавҷуданд, ки рафъи онҳо аз манфиат орӣ нест:

1. Дар автореферати диссертатсия ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд (автореферат, с. 6, 9, 14, 19, 24, 27, 55).
2. Ба назари мо, фасли "Таъсири Зуҳурии Туршезӣ ба Калими Кошонӣ ва Ғании Кашмирӣ" пажуҳиши бештарро тақозо менамояд (автореферат, с. 50-51).

Камбудиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмию амалии кори таҳқиқии Шарипов Шариф Раҳмоновичро коҳиш намедиҳанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои дар боло дарҷшуда, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи доктории **Шарипов Ш.Р.** дар мавзуи **«Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)"** ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (тағйирот бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавоии МДТ «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» Низомӣ Мухриддин Зайниддин

Имзои М.З. Низомиро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати
Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Ҳамидова З.Ҳ.

Маълумот барои тамос:
Нишонӣ: 734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 73А
Тел.: 231-23-83; 231-18-27; 231-45-45.
E-mail:nizomi73@mail.ru

24 майи соли 2024